**Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.)**

## ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзуи "Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

**Оид ба мутобиқати мазмуни диссертатсия ба номи мавзуъ ва ихтисосе, ки тибқи он таҳқиқот анҷомдода шудааст.** Мазмуни диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод ба номи мавзуъ ва ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки бо Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25. 09 соли 2025, № 10, тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

**Шумора ва мутобиқати интишороти натиҷаҳои асосии таҳқиқоти унвонҷӯй ба талаботҳои амалкунанда**. Унвонҷӯй муаллифи 7 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ бахшида шудаанд. Аз ин теъдоди умумии асарҳои илмӣ, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Ҳаҷми умумии асарҳои чопшуда зиёда аз 2, 3 ҷ. ч. мебошанд.

Шумораи асарҳои интишоргардида эътимоднок буда, аз мазмуни натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ бармеоянд, яъне мутобиқ ба банди 35 Тартиби

додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 06 соли 2021, № 267, тасдиқ шудааст, мебошад.

Дар таҳқиқоти мазкур истифодаи андеша ва маводҳои дигар (асардуздӣ), бе овардани иқтибос ба манбаъ, ошкор карда нашуд.

Ҳамаи маводҳои истифодашуда иқтибос доранд ва ба руйхати адабиёти исттифодашуда ворид гардидаанд, ки далели риояи банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мебошад.

Аз ҷониби унвонҷӯй қоидаҳои имлои забони давлатӣ ва одоби илмӣ риоя шудаанд.

**Саҳми унвонҷӯй дар таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муайян намудани вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ падидаи нав буда, барои такмили танзими ҳуқуқӣ зарурати таҳлили ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии операторони алоқаи барқӣ ва интернет – провайдерон ба вуҷуд омадааст.

Дар ибтидои солҳои соҳибистиқлолӣ вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ мустақиман бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳида танзим шуданд, аммо вазъи ҳуқуқии операторони алоқаи барқӣ ва интернет – провайдерон дар танзими ҳуқуқӣ мукаммал нестанд, ки ба бозори хизматрасониҳои интернетӣ таъсири манфӣ дорад.

Бори аввал аз ҷониби Қодирзода Саидакбар Сангинмурод вазъи ҳуқуқии миёнаравони иттилоотӣ, пас аз қабул шудани қисми 3 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ ҶТ) аз 24 декабри соли 2022, таҳти № 1918, мавриди таҳқиқи илмӣ гардид. Ин аввалин қадам дар самти таҳқиқи вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ мебошад. Зеро то ин вақт мафҳуми расмии миёнарави иттилоотӣ ва меъёрҳои алоҳидае, ки вазъи оператори алоқаи барқӣ ва интернет - провайдерро танзим менамоянд, дар сатҳи зарурӣ таҳия ва қабул нашудаанд, норавшанӣ ва маҳдудият дар танзими миёнарави иттилоотӣ ҷой доштанд.

Бо қабулшудани қисми 2 КМ ҶТ баъзе мушкилот аз байн рафт, миёнарави иттилоотӣ субъекти ҳуқуқи маданӣ эътироф карда шуд. Аммо таҳлили боби 68 КМ ҶТ, ки хусусиятҳои ҷавобгарии миёнаравони иттилоотиро барои риоя накардани ҳуқуқ ба моликияти зеҳниро дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ му□аррар мекунад, нишон медиҳад, ки баъзе камбудиҳо дар муайян намудани вазъи ҳуқуқии миёнаравони иттилоотӣ дида мешаванд.

Унвонҷӯй ба масъалаҳои вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ мустақилона ибрози ақида намуда, назарияи илмии худро ба хонанда пешниҳод намудааст. Ҷиҳати назариявии ин дониш дар он аст, ки унвонҷуй аз соли 2022 то инҷониб ба таҳқиқи мавзуи масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ машғул буда, дар семинар ва дигар ҳамоишҳои илмии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои илмӣ бо гузоришҳои муҳим баромад кардааст.

Аз фанни «Ҳуқуқи маданӣ» ба донишҷӯёни курси дуюми шуъбаи рузонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дарсҳои лексионӣ мехонад ва машғулиятҳои амалӣ мегузаронад.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии рисола, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои илман асоснокгашта, интишороти илмӣ, ки бо саҳми бевоситаи ӯ омода карда шудаанд, инчунин бо маърӯзаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои сатҳи гуногун, тасдиқ карда мешаванд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажуҳиши боэътимоди илмӣ дар мавзуи “Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ”, ба ҳисоб меравад.

Дар рафти таҳқиқот муаллиф масъалаҳоеро баррасӣ кардааст, ки дар ҳуқуқшиносии муосир навгонӣ доранд.

Мафҳум, аломатҳо ва хусусиятҳои фарққунандаи миёнарави иттилоотиро аз дигар миёнаравон дар бозори ашё, иҷрои кор ва хизматро, дар таносуби мантиқан муносиб, муайян кардааст.

Унвонҷӯй асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти соҳибкории миёнарави иттилоотиро мавриди омӯзиш қарор додааст, баъзе мушкилоти онро ошкор намуда, оид ба бартараф намудани он пешниҳодҳои судманд изҳор намудааст.

Вай ҷойгиркунии иттилооти рақамиро дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла дар Интернет, иттилоот барои дастрасӣ ба онро, инчунин дигар хизматрасониҳои интернетиро мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифтааст.

Ҷавобгарии ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ дар шартномаҳои хизматрасониҳои интернетӣ дар шакли ҷуброни зиён, зарари маънавӣ ва руёнидани ноустуворона мавриди таҳлил ва хулосаи илмӣ гардидааст.

Вай дуруст қайд мекунад, ки механизми ҳифзи ҳуқуқӣ танҳо дар нисбати операторони алоқаи барқӣ, интернет - провайдерон ва ё истифодабарандагони хизматрасониҳои интернетӣ татбиқ мешаванд, ки тибқи қонун манфиатдор мебошанд.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он аст, ки дониши ба вуҷуд омада, манбаи назариявӣ ва амалӣ барои омӯзиши вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ буда, бо дарназардошти қонунгузории ҶТ дар ин соҳа, назару мавқеи олимон ва риояи одоби илмӣ, баён гардидаанд.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионии анҷомёфта, донишу фаҳмиши назариявиро оид ба ҳуқуқи маданӣ, махсусан ҳуқуқи шартномавӣ ва ҳуқуқи уҳдадорӣ васеъ мекунад ва имконият медиҳад, ки масъалаҳои нави ба муаммоҳои вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ алоқаманд, ҳал карда шаванд.

Ҳамин тавр, дар асоси ҳолатҳои дар боло зикршуда, андеша дорам, ки диссертатсия дар мавзуи “Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии

миёнаравиi иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати ЧТ аз 30. 06 соли 2021, № 267, тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад ва муаллифи он Қодирзода Саидакбар Сангинмурод арзандаи дараҷаи илмии дар боло зикршуда, мебошад.

**Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи**
**мадании факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Ғаюрзода Ш. К.**

**Ихтисоси илмии роҳбари илмӣ:** 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

**Суроғаи ҳуқуқӣ: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел.: + 992 93 510 38 62. Е – mail: shukrullo67@mail.ru**

**Имзои Ғаюрзода Ш. К. – ро**
**“тасдиқ мекунам”**

**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Шодихонзода Э. Ш.**

24 январи соли 2026.